**СУРАТМАҶЛИСИ №35**

**Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**14 октябри соли 2023** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзоёни Шуро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзоёни Шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Дар бораи гузаронидани экспертиза ва таъини комиссияи экспертӣ оид ба рисолаи номзадии Шарипов Самандар Самариддинович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш., баромад намуда пешниҳод намуданд, ки диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои гузаронидани экспертиза қабул карда шуда, комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Диноршоҳ А.М.; доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Назаров А.Қ. ва

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ҷалолов Х.Ғ., ташкил карда шавад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои экспертиза қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Диноршоҳ А.М.;
– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Назаров А.Қ.;
– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ҷалолов Х.Ғ.

**Қарор якдилона бо овоздиҳии ошкоро қабул карда шуд.**

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**